Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7, ауд. 102)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзуи “Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иктисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Дар замони муосир соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самти афзалиятнок эътироф гардида, барои рушди инфрасохтори он ва таъмин намудани шароити мусоид барои зиёд гардидани шумораи корхонаҳоисайёҳӣ аз тарафи давлат имтиёзҳои андозию гумрукӣ дода шудааст, ки барои баланд бардоштани сатҳи иқтисодию иҷтимоии мамлакат, зиёд шудани ҷойҳои нави корӣ ва ба шуғли доимӣ фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат мусоидат менамояд. Фароҳам овардани ин имкониятҳо ба шарикии байни корхонаҳои сайёҳӣ ва давлат тақвият мебахшад. Қабул гардидани Стратегияи рушди соҳаи сайёҳӣ барои давраи то соли 2030 ва дигар барномаю консепсияҳои давлатӣ оид ба рушди сайёҳӣ аз ин шаҳодат медиҳад.

Корхонаҳои сайёҳӣ, бо сохтори мураккаб ва гуногунҷабҳагии фаъолияти худ ба иттилооти фаврӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ ниёз доранд, ки барои муносиб намудани хароҷот ва натиҷаҳои молиявӣ қарорҳои саривақтӣ ва асосноки идоракунӣ қабул намоянд. Ташаккули иттилооти эътимоднок, босифат ва пурра оид ба хароҷот, арзиши аслии маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ, даромадҳо, натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ ва назорати онҳо – яке аз вазифаҳои асосии низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ маҳсуб меёбад.

Вобаста ба ин, таҳқиқи хусусиятҳои хоси пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ вобаста ба гузариши корхонаҳои ватанӣ ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ хеле муҳим буда, мукаммалгардонӣ ва мутобиқ намудани он ба талаботҳои СБҲМ имконият медиҳад, ки сатҳи рушди корхона таҳлил карда шавад, пайдоиши масъалаҳои молиявӣ пешгирӣ карда шуда, уҳдадориҳои андозӣ сари вақт ҳал карда шаванд.

Аз ин лиҳоз, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимов С.Х. дар шароити кунунӣ хеле муҳим буда, дуруст ба роҳ мондани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ имкон медиҳад, ки самаранокии баланди фаъолияти тиҷоратӣ ва молиявии корхонаи сайёҳӣ таъмин карда шавад. Аз мазмун ва мундариҷаи автореферат дида мешавад, диссертатсияи Раҳимов С.Х. дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шуда, аз доираи ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дур мондани корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ дарак медиҳад ва таҳқиқоти гузарондашуда, хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф имконият фароҳам меорад, ки дар ин самт корҳои амалӣ анҷом дода шуда, барои баҳисобгирии хароҷот, арзишмуайянкунӣ, даромад ва муайян намудани

натиҷаи фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ усулҳои муосир мутобиқи СБҲМ истифода бурда шаванд. Дар автореферати диссертатсия нақшаи ташаккулёбӣ ва фуруши маҳсулоти сайёҳӣ пешниҳод карда шудааст, ки дар он якчанд субъектҳои хоҷагидорӣ иштирок мекунанд ва баҳисобгирии муҳосибии ин объектҳо, намуди фаъолият ва муносибат ба арзиши маҳсулоти сайёҳии пешниҳодшаванда таъсир мерасонанд (с. 17).

Нуктаи муҳими дигари диссертатсия ин мураттабсозии муаммоҳои методологии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар сайёҳӣ мебошад (с. 20), ки дар ҷараёни таҳқиқот ин муаммоҳо мавриди тахлилу баррасӣ гардидаанд. Инчунин дар кори таҳқиқотӣ дар асоси омузиш ва таҳлили ҳолати воқеии корхонаҳои сайёҳӣ пешниҳоди мушаххас оид ба ба танзим даровардани методологияи андозбандӣ ва баҳисобгирии муҳосибӣ оварда шудааст, ки ба ақидаи муаллиф амалияи мавҷудаи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандӣ ба мустақилияти низоми баҳисобгирӣ таъсир мерасонад (с. 26). Барои корхонаҳои сайёҳӣ пешниҳод намудани таҳияи сиёсати экологӣ низ яке аз навгониҳои илмӣ буда, муаллиф дар ҳамоҳангӣ бо баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва андоз ҷорӣ намудани баҳисобгирии экологиро ҳамчун ҷузъи таркибии низоми ягонаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ мешуморад (с. 29).

Ворид намудани ҳисобҳои иловагӣ дар нақшаи ҳисобҳои амалкунанда барои баҳисобгирии ҷузъии истеҳсол ва фуруши маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ, ки барои гиифтани маълумоти саҳеҳ оид ба объектҳои мушаххаси баҳисобгирии муҳосибӣ дар ширкатҳо ва агентиҳои сайёҳӣ мусоидат менамоянд боиси дастгирист (с. 28). Инчунин, методикаи коркарда ва пешниҳодшудаи таркиб ва тартиби назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ аҳамияти назариявӣ ва алмалӣ дорад (с. 35).

Хулоса, диссертант дар рисолаи илмии худ тавонистааст, ки ҷанбаҳои калидии ташкили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати хароҷот, арзишмуайянкунӣ, даромадҳо ва натиҷаҳои молиявӣ дар корхонаҳои сайёҳиро мавриди таҳлил қарор диҳад. Муаллиф таҳқиқоти илмиро бо риояи тамоми талаботҳои иҷроиши он ба итмом расонидааст, ки дорои аҳамияти илмӣ мебошад.

Дар баробари бартариятҳо дар автореферат баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба назар мерасанд, ба монанди аз ҷониби муаллиф усулҳои таснифоти гуногуни хароҷот дар фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ пешниҳод шудаастааст, аммо дар афтореферат таҳлили самаранокии истифодабарии онҳо муйян карда нашудааст.

Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд карда шуданд ба мазмуни асосии рисолаи илмӣ монеа шуда наметавонанд. Автореферат ва мақолаҳои чопшуда сохтори диссертатсияро ба пуррагӣ дар бар мегиранд.

Дар маҷмуъ, чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки диссертатсия ба талаботҳои бобҳои 32, 33, 34, 35 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти рақами 267) ҷавобгу буда, муаллифи он – Раҳимов С.Х. сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мебошад.

Муқарриз:
д.и.и., профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур — Самандарзода И.Ҳ.

Имзои Самандарзода И.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур — Қурбонзода А.Х.

11.01.2025с.

Суроға: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 146
Web-сайт: www.tajagroun.tj E-mail: iskandar-s@mail.ru
Тел.: (+992) 93 511 43 16